**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия
____________Насуриён П.А.
«___»______________ соли 2026

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ба буҳрони шадиди сиёсиву ҳарбӣ гирифтор гардида, хатари аз байн рафтани давлатдорӣ ва парокандашавии миллат ба миён омада буд. Дар чунин шароити ниҳоят мураккаб фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсиро барои барқарорсозии сулҳ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва эҳёи сохтори конститутсионӣ фароҳам овард.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) на танҳо ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшид, балки марҳилаи нави ташаккули давлатдории ҳуқуқбунёди тоҷиконро оғоз намуд. Маҳз дар ҳамин давра масъалаи танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофарона ҳамчун падидаи сиёсӣ-ҳуқуқии дорои аҳаммияти стратегӣ ба миён омад.

Бо вуҷуди аҳаммияти таърихии ин раванд, дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ то имрӯз таҳқиқоти маҷмуавӣ ва амиқ оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат ба таври комплексӣ анҷом дода нашудааст. Аксари пажӯҳишҳо бештар ба ҷанбаҳои сиёсӣ ё таърихии раванди сулҳ бахшида шудаанд, дар ҳоле ки таҳлили меъёрии конститутсионӣ, асосҳои ҳуқуқии мақоми Пешвои миллат ва механизми кафолати он дар низоми ҳуқуқии миллӣ ниёз ба омӯзиши ҷиддӣ дорад.

Илова бар ин, дар шароити муосир, ки масъалаҳои таҳкими сулҳи пойдор, муқовимат ба ифротгароӣ, ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ ва рушди давлатдории миллӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардаанд, таҳқиқи таҷрибаи сулҳофарии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии он дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Ин таҷриба метавонад ҳамчун модели муваффақи танзими осоиштаи ихтилофҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мавриди истифода қарор гирад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон на танҳо аҳаммияти илмӣ дорад, балки барои такмили қонунгузории миллӣ, таҳкими пояҳои сохтори конститутсионӣ, рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва таъмини суботи устувори ҷомеа аҳаммияти муҳими амалӣ низ касб менамояд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар сатҳи баланди илмӣ қарор дошта, ба талаботи корҳои тахассусии илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои соҳавӣ, санадҳои зерқонунӣ, инчунин санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд. Муаллиф ҳамзамон аз маводи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, суханрониҳо ва паёмҳои расмии Пешвои миллат, санадҳои марбут ба раванди сулҳ, инчунин адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ истифода намудааст, ки ин ба таҳқиқот заминаи боэътимоди назариявӣ ва эмпирикӣ фароҳам овардааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, шаклӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ истифода шудаанд. Ин

раванди методологӣ имкон додааст, ки фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат на танҳо аз дидгоҳи сиёсӣ, балки ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ – конститутсионӣ мавриди таҳлил қарор гирад.

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф бо таҳлили пайдарпайи маводи ҳуқуқӣ ва воқеияти таърихию сиёсӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф собит менамояд, ки фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат дар заминаи меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда сурат гирифта, дар таҳкими сохтори конститутсионӣ, барқарорсозии ҳокимияти давлатӣ, таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши ҳалкунанда бозидааст.

Пешниҳодҳои илмии дар диссертатсия баёншуда дорои хусусияти амалӣ буда, ба такмили қонунгузории миллӣ, таҳкими механизмҳои ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат, инчунин ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ равона шудаанд. Онҳо дар асоси таҳлили воқеии ҳолати қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ пешниҳод гардида, аз ҷиҳати мантиқӣ ва илмӣ асоснок мебошанд.Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур ба талаботи муқаррарнамудаи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти маҷмуавӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мебошад, ки фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро маҳз ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор медиҳад.

Бар хилофи таҳқиқоти қаблӣ, ки бештар хусусияти таърихӣ ё сиёсӣ доштанд, дар кори мазкур фаъолияти сулҳофарона аз нуқтаи назари меъёрҳои Конститутсия, принсипҳои сохтори конститутсионӣ, механизми амалисозии ҳокимияти давлатӣ ва кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо равиши низомнок нишон медиҳад, ки раванди истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ на танҳо падидаи сиёсӣ, балки марҳилаи муҳими таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд ва рушди низоми конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Навоварии таҳқиқот, аз ҷумла, дар масъалаҳои зерин ифода меёбад:

– асоснок намудани моҳияти ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат ҳамчун омили ташаккули сохтори устувори давлатдории миллӣ;

– таҳлили механизми ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат дар заминаи Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда;

– муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши фаъолияти сулҳофарона дар таҳкими принсипҳои бунёдии конститутсионӣ, аз ҷумла соҳибихтиёрии давлатӣ, ваҳдати миллӣ, таҷзияи ҳокимият ва волоияти қонун;

– пешниҳоди хулосаҳои илмӣ оид ба таъсири фаъолияти сулҳофарона ба рушди минбаъдаи низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар.

Саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи васеи манбаъҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили санадҳои расмии марбут ба раванди сулҳ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, инчунин такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқот аз усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок ва шаклӣ-ҳуқуқӣ истифода намуда, масъалаҳоро бо пайдарҳамии мантиқӣ ва асоснок баррасӣ кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар хулосаҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда таҷассум ёфта, бо воқеияти таърихию сиёсӣ ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат доранд. Хулосаҳои пешниҳодгардида хусусияти эъломиявӣ надошта, бар асоси далелҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва таҳлили воқеии ҳолати қонунгузорӣ шакл гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки диссертатсия дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дорои аҳаммияти муҳими илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ, такмили қонунгузорӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар доираи кори мазкур фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат бори аввал ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф заминаҳои назариявии фаҳмиши мақоми Пешвои миллатро дар низоми сохтори конститутсионӣ асоснок намуда, робитаи фаъолияти сулҳофаронаро бо принсипҳои бунёдии давлатдории ҳуқуқбунёд, аз ҷумла соҳибихтиёрии давлатӣ, ваҳдати миллӣ, таҷзияи ҳокимият ва волоияти қонун муайян кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба институти

президентӣ, давлатдории миллӣ ва механизмҳои ҳифзи сохтори конститутсионӣ ҳамчун заминаи илмӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои он метавонанд дар раванди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар самти таҳкими механизмҳои ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат, истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки таҳкими заминаҳои ҳуқуқии сулҳу субот ва пойдории сохтори конститутсионӣ барои рушди устувори иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Суботи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ яке аз шартҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ, рушди соҳибкорӣ ва тақвияти муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад.

Бо асоснок намудани нақши фаъолияти сулҳофарона дар таҳкими давлатдории миллӣ, таҳқиқ ба баланд бардоштани эътимоди ҳуқуқӣ ва устувории муҳити иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар таҳкими фарҳанги сулҳ, ваҳдати миллӣ ва худшиносии шаҳрвандӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқ ба дарки амиқтари аҳаммияти сулҳу субот, нақши роҳбарияти сиёсӣ дар ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими арзишҳои конститутсионӣ мусоидат менамоянд.

Ин таҳқиқ метавонад ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, таҳкими эътимод ба институтҳои давлатӣ ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа таъсири мусбат расонад.

**Дарҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар сатҳи зарурии илмӣ қарор дошта, бо маҷмӯи омилҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ таъмин гардидааст.

Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳо бо такя ба заминаи мустаҳками меъёрӣ-ҳуқуқӣ таъмин шудааст. Муаллиф дар таҳқиқот аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ ва соҳавӣ, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводи расмии марбут ба раванди сулҳ ва ташаккули сохтори конститутсионӣ истифода намудааст. Ин раванд имкон додааст, ки хулосаҳо бар асоси манбаъҳои боэътимоди ҳуқуқӣ шакл гиранд.

Дуюм, дурустии натиҷаҳои таҳқиқ бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқот

усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, шаклӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ татбиқ шудаанд. Истифодаи ин усулҳо ба муаллиф имкон додааст, ки фаъолияти сулҳофаронаро дар заминаи рушди воқеии муносибатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таҳлил намуда, робитаи он бо таҳкими сохтори конститутсионӣ ва давлатдории миллӣ нишон дода шавад.

Сеюм, асоснокии натиҷаҳо дар пайдарҳамӣ ва мантиқияти таҳлили пешниҳодгардида зоҳир мегардад. Хулосаҳо на ба изҳороти умумӣ, балки ба таҳлили мушаххаси меъёрҳои конститутсионӣ, санадҳои марбут ба раванди сулҳ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ такя менамоянд. Натиҷаҳои бадастомада бо воқеияти таърихию сиёсӣ мутобиқат дошта, дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда таҷассум ёфтаанд.

Чорум, саҳеҳияти таҳқиқ бо мутобиқати хулосаҳо ба талаботи назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва таҷрибаи давлатдории миллӣ тасдиқ мегардад. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ аз осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ истифода намуда, мавқеи худро дар заминаи баҳсҳои илмӣ асоснок намудааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ боэътимод, мантиқӣ дуруст ва бо далелҳои назариявию меъёрӣ пурра асоснок буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди мустақилияти илмӣ, таҳлили амиқ ва коркарди эҷодкоронаи маводи назариявию амалии марбут ба мавзуи таҳқиқ бармеояд.

Муаллиф бори аввал дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мавриди таҳқиқи комплексӣ қарор додааст. Дар раванди таҳқиқ, довталаб моҳият, хусусиятҳо ва заминаҳои меъёрии фаъолияти сулҳофаронаро таҳлил намуда, робитаи онро бо таҳкими сохтори конститутсионӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ ва давлатдории ҳуқуқбунёд асоснок нишон додааст.

Саҳми шахсии довталаб махсусан дар масъалаҳои зерин зоҳир мегардад: таҳияи хулосаҳои илмӣ оид ба ҷойгоҳ ва нақши фаъолияти сулҳофарона дар ташаккул ва таҳкими сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон; асоснок намудани механизми ҳуқуқӣ-

конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат дар низоми қонунгузории миллӣ; муайян намудани таъсири фаъолияти сулҳофарона ба рушди минбаъдаи институтҳои давлатӣ ва таъмини волоияти қонун; таҳияи пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ.

Ҳамаи таҳлилҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии дар диссертатсия баёншуда маҳсули фаъолияти мустақилонаи муаллиф буда, дар асоси омӯзиши амиқи сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маводи таърихию сиёсӣ ва адабиёти илмӣ таҳия гардидаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва раванди таълим инъикос ёфтаанд, ки ин аз мустақилият ва саҳми шахсии довталаб дар таҳияи масъалаҳои баррасишуда шаҳодат медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуқтаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ инъикос ёфтаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Зоир, Ҷ.М. Зуҳурзода Ш.Д. Сиёсати ҳуқуқии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун мактаби умумиҷаҳонии сулҳ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, Ш.Д. Зуҳурзода // Идракунии давлатӣ. – 2021. – №4/1 (53). – С. 111-124; ISSN 2664-0651.

[2–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Тақвияти мақоми пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №2. – С.141-149; ISSN 2305-0535.

[3–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Динамика законодательного обеспечения суверенитета государств на постсоветском пространстве: (опыт Таджикистана) [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №2 (62). – С. 196-205; ISSN 2664-0651.

[4–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Асосҳои ҳуқуқи конститутсиони бунёди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Давлатшиноси ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 127-135; ISSN 2414 9217.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

[5-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Конференсияи илмӣ – назариявӣ ҷумҳуриявӣ Нақши конститутсия дар рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Мақоми пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ. – Душанбе, 2021. – С. 105-109.

[6-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» бо маърузаи «Нақши Пешвои миллат, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ», [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия дар АИДНПҶТ. – (Душанбе, 3 декабри соли 2022. – С.211-220).

[7-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Конференсияи илмӣ – назариявӣ ҷумҳуриявӣ // Конституция – основа развития эффективной системы государственного управления «Правовая природа парламентаризм Таджикистана в условиях государственной независимости» [Текст] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маводи конференсияи илмӣ - назариявӣ. – Душанбе, 2023. – С. 129-135.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, асосҳои методологӣ ва меъёрӣ, инчунин нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври возеҳ ва мантиқӣ асоснок карда шудаанд. Муаллиф тавонистааст зарурати таҳқиқи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллатро дар заминаи воқеияти таърихию сиёсӣ ва рушди давлатдории миллӣ нишон диҳад.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз ҷумла ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

**Боби якуми** диссертатсия «Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ» ба таҳлили фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ бахшида шуда, дар он заминаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии раванди сулҳ, нақши роҳбарияти давлатӣ дар барқарорсозии

сохтори конститутсионӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф фаъолияти сулҳофаронаро дар иртибот бо ташаккули давлатдории ҳуқуқбунёд ва пойдории соҳибихтиёрии давлатӣ таҳлил намудааст.Аз ҷумла муаллиф баён медорад, ки «имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғози воқеии ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлатдории ҳуқуқбунёд буд. Ин рӯйдод эҳсоси худшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ – Парчам, Нишон ва Сарудро таҳким бахшид.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ итминон ҳосил кард, ки Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон роҳи сулҳ, рушди демократия ва бозсозии иқтисодиро интихоб намуд» (саҳ.43).

Имзо ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози марҳилаи навини тақвияти ваҳдати миллӣ ва эҳёи арзишҳои давлатдории миллӣ гардид. Ин санади сарнавиштсоз ба таҳкими худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти давлатӣ, ба мисли парчам ва нишонҳои миллӣ ва инчунин, ба рушди демократия, таҳаммулпазирӣ ва гуногунандешӣ мусоидат намуд (саҳ.49).

Дар боб инчунин нишон дода мешавад, ки фаъолияти сулҳҷӯёна ба қабули Конститутсияи соли 1994 замина гузошт. Муаллиф таъкид мекунад, ки маҳз дар натиҷаи сулҳу субoти бадастомада имкони баргузории раъйпурсии умумихалқӣ ва ташаккули ниҳодҳои нави ҳокимияти давлатӣ фароҳам омад.

Қисмати муҳими боб таҳлили нақши роҳбарияти сиёсӣ дар шароити буҳрон мебошад. Муаллиф бо далелҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки дар вазъияти “бефаъолиятии мақомоти давлатӣ ва ноустувории сиёсӣ”, Пешвои миллат масъулияти таърихиро ба уҳда гирифта, барои барқарорсозии идоракунии давлатӣ, таъсиси Артиши миллӣ ва таҳкими амният иқдом намуданд.

Хусусияти муҳими боби якум дар он аст, ки муаллиф фаъолияти сулҳҷӯёнаро дар робита бо категорияҳои конститутсионӣ, аз ҷумла соҳибихтиёрии давлатӣ, тамомияти арзӣ, таҷзияи ҳокимият ва волоияти қонун таҳлил мекунад. Ба ақидаи ӯ, сулҳ танҳо натиҷаи созиши сиёсӣ набуда, балки шарти зарурии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мебошад.

**Боби дуюми** диссертатсия ба «Фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлати ҳуқуқбунёд» бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар марҳилаи

пас аз истиқрори сулҳ таҳлил намуда, онро бо равандҳои таҳкими давлати ҳуқуқбунёд, суботи сиёсӣ ва рушди устувор пайваст менамояд.

Муаллиф таҳлили худро аз шароити ниҳоят мураккаби солҳои аввали истиқлолият оғоз намуда, нишон медиҳад, ки фаъолияти Пешвои миллат дар заминаи вазъи бухронии сиёсӣ ва номуайянии сохтори давлатӣ ташаккул ёфтааст. Бо ишора ба сухани таърихии Пешвои миллат – «Ман ба Шумо сулҳ меоварам» муаллиф ин изҳоротро ҳамчун барномаи сиёсӣ ва заминаи амалии стратегияи сулҳ арзёбӣ менамояд. Дар ин қисмат, бо истифода аз далелҳои таърихӣ ва санадҳои меъёрӣ, раванди ташаккули механизми ҳуқуқии барқарорсозии сулҳ ва эҳёи ҳокимияти конститутсионӣ таҳлил шудааст.

Дар боб фаъолияти Пешвои миллат ҳамчун омили муттаҳидсозандаи ҷомеа ва кафили барқарории сохтори конститутсионӣ асоснок гардидааст. Муаллиф бо истинод ба сарчашмаҳо таъкид мекунад, ки «ҳалли ихтилофи байни тоҷикон масъалаи асосии сохтори конститутсионии ҳокимияти нав гардид» ва ҳамин раванд заминаи қабули Конститутсияи соли 1994-ро фароҳам овард (саҳ.63).

Таҳлили раъйпурсии умумихалқӣ ва интихоботи президентӣ дар заминаи барқарории суботи сиёсӣ нишон медиҳад, ки муаллиф фаъолияти Пешвои миллатро дар иртиботи мустақим бо ташаккули низоми нави ҳокимияти давлатӣ баррасӣ менамояд.

Муаллиф ҳамзамон робитаи сулҳу ваҳдатро бо таҳкими давлати ҳуқуқбунёд нишон медиҳад. Дар ин замина, масъалаҳои волоияти Конститутсия, ташкили ниҳодҳои давлатӣ, рушди гуногунандешии сиёсӣ ва таҳкими низоми ҳуқуқӣ таҳлил шудаанд. Боб нишон медиҳад, ки сулҳи бадастомада танҳо хотимаи ҷанг набуда, балки оғози марҳилаи нави давлатсозӣ ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлат мебошад.

Қисмати муҳими боб ба таҳлили нақши ҷомеаи байналмилалӣ ва ташаббусҳои Пешвои миллат дар арсаи хориҷӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо далелҳои мушаххас иштироки СММ, САҲА, ИДМ ва дигар созмонҳоро дар раванди сулҳ нишон дода, фаъолияти Пешвои миллатро ҳамчун намунаи дипломатияи сулҳ арзёбӣ менамояд. Бо истинод ба суханронихои Президенти кишвар, аз ҷумла мавқеи зерин «Ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад танҳо тавассути муколама ва ҳамкории созанда дар пайдо кардани роҳҳои рафъи хатарҳои муосир комёб гардад» муаллиф идомаи сиёсати сулҳҷӯёнаро дар сатҳи байналмилалӣ асоснок менамояд (саҳ.98).

Дар баробари ҷанбаҳои сиёсӣ, муаллиф робитаи сулҳ ва рушди иқтисодиро низ таҳлил кардааст. Бо овардани маълумот оид ба барномаҳои байналмилалии дастгирӣ, кӯмакҳои молиявӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, нишон дода мешавад, ки суботи сиёсӣ шарти зарурии рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, боби дуюм аз ҷиҳати мазмун пайдарпай, асоснок ва бо мантиқияти илмӣ таҳия шудааст. Муаллиф тавонистааст фаъолияти Пешвои миллатро на танҳо ҳамчун равандҳои сиёсӣ, балки ҳамчун механизми таҳкими давлати ҳуқуқбунёд ва рушди устувори миллӣ таҳлил намояд. Гарчанде дар баъзе мавридҳо таҳлил хусусияти тавсифӣ дорад ва имкони амиқтар гардондани ҷанбаҳои соф ҳуқуқӣ-конститутсионӣ вуҷуд дорад, дар маҷмӯъ боб ба талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, дараҷаи баланди коркарди илмиро нишон медиҳад.

**Боби сеюми** диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», ба таҳлили заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, конститутсионӣ ва институтсионалии мақоми Пешвои миллат бахшида шуда, дар он муаллиф бо такя ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи ҷойгоҳ, накш ва механизми ҳифзи ин мақомро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор медиҳад.

Дар доираи ин боб муаллиф мақоми Пешвои миллатро дар заминаи меъёрҳои Конститутсия таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳуҷҷати сиёсӣ, балки рамзи қонунмандӣ, сулҳ ва ваҳдати миллӣ гардид». Бо ин андеша муаллиф мақоми Пешвои миллатро ҳамчун падидае арзёбӣ мекунад, ки маҳз дар чорчӯби волоияти Конститутсия ташаккул ёфтааст.

Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таҳлил намуда муаллиф баён медорад, ки "дар ташаккули ҳаёти ҳуқуқии халқу миллатҳо шахсиятҳои таърихие ҳастанд, ки ном, фаъолият ва зиндагиномаи онҳо бо таърих ва сарнавишти давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқии онҳо пайванди ногусастанӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон яке аз чеҳраҳои калидии таърихи муосири тоҷикон ба шумор меравад, ки накши ӯ дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ, таҳкими давлатдории навин ва муайянсозии самтҳои рушди ҳуқуқи тоҷик аҳаммияти хоса дорад. Ӯ дар баробари саҳмгузорӣ дар таҳаввули таърихии миллати тоҷик ва бунёди пояҳои давлатдории соҳибихтиёрона, барои эҳёи арзишҳои ҳуқуқии ниёгон ва татбиқи онҳо дар қонунгузории

муосир, инчунин, дар таҳия ва қабули низоми қонунҳои миллӣ хизматҳои назаррас анҷом додааст” (саҳ. 117).

Муаллиф самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллатро мувофиқи таъиноти Конститутсия ва дар иртибот бо сиёсати иҷтимоии давлат баррасӣ менамояд. Ӯ бо такя ба моддаи 64 Конститутсия нақши Президентро ҳамчун «ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» шарҳ дода, робитаи мустақими ин мақомро бо таъмини қонуният ва суботи давлатӣ нишон медиҳад. Дар қисмати ҷамъбастии боб муаллиф хулосабарорӣ намуда баён медорад, ки таъминоти иҷтимоии фаъолияти Пешвои миллат шакли ифодаи сиёсати иҷтимоии давлат мебошад…» (саҳ. 153).

Дар маҷмӯъ, боби сеюм дорои хусусияти таҳлилӣ ва ҷамъбасткунанда буда, заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллатро дар низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал баррасӣ менамояд. Муаллиф тавонистааст робитаи мақоми мазкурро бо принсипҳои волоияти Конститутсия, давлатдории ҳуқуқбунёд ва таъмини суботи миллӣ асоснок намояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/4 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод ба ихтисоси илмии дархостшаванда- 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди сатҳи баланди илмӣ, навгонӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия, дар кори илмӣ баъзе нуқсонҳо ва мулоҳизаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки метавонанд дар ҷараёни муҳокимаи илмӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

1. Дар баъзе қисматҳои кор таҳлил хусусияти бештар тавсифӣ гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ-консептуалӣ метавонистанд бо назари муқоисавӣ ва таҳлили амиқтари илмӣ пурра гарданд. Хусусан, масъалаи табиати ҳуқуқӣ ва институтсионалии мақоми Пешвои миллат аз дидгоҳи назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ метавонад васеътар асоснок карда шавад.

2. Институти «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» бештар аз дидгоҳи таърихӣ ва сиёсӣ шарҳ дода шудааст. Аммо таҳлили мукаммали назариявӣ оид ба ҷойгоҳи он дар низоми таҷзияи ҳокимият, тавозуни конститутсионӣ ва принсипи баробарии мақомотҳо метавонист амиқтар анҷом дода шавад.

3. Дар таҳқиқ мафҳуми «танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» нисбат ба фаъолияти сулҳофарона васеъ истифода шудааст, аммо фарқгузории равшан байни танзими меъёрӣ (нормативӣ) ва таъсири сиёсӣ-амалӣ дар ҳама мавридҳо мушаххас нест. Баъзе қисматҳо фаъолияти сиёсиро мустақиман ба танзими конститутсионӣ нисбат медиҳанд, дар ҳоле ки на ҳамеша асоси мустақими меъёрӣ нишон дода шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ таҳия гардида мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Каримзода Умар Карим – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Протоколи № 8 аз 6 марти соли 2026.

Раискунандаи ҷаласа,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Ғ.Н.

Ташхисгар,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода У.К.

Котиби ҷаласа,
сардори кабинети кафедраи фанҳои
давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
майори милитсия Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Имзоҳои «Қодирзода Ғ.Н., Каримзода У.К. ва Қурбонзода Ҷ.Ғ.»-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
«10» 03 соли 2026

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; тел.: (+992 37) 226-60-42; Факс: (+992 37) 226-60-43; сомона: www.avkd.tj; E-mail: avkdtj@mail.ru.